# Тақриз

**ба автореферати диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович дар мавзӯи “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа**

Таърихи фалсафаи тоҷик, ҳамчун ҷузъи гаронбаҳои фарҳанг ва тамаддуни мардуми форсзабон бо осори мутафаккирони барҷастаи худ мавриди таваҷҷуҳ ва омӯзиши дӯстдорони илму маърифати ҷаҳон гардидааст, ки барои ҳар як фарди тоҷик боиси ифтихор аст. Алалхусус, олими барҷастаи фаронсавӣ Анри Корбен умри худро ба пажуҳиши як қисми муҳими афкор ва фарҳанги тоҷик бахшидааст. Мурочиат ба таҳқиқи таълифоти олимони барҷаста, аз қабили Анри Корбен як амали қобили дастгирии шоистаи таҳсин мебошад. Диссертатсияи олими ҷавон Иброҳимов Фурқатҷон Муродович таҳти унвони “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” барои дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа аз он ҷумлаи чунин таҳқиқоте ба шумор меравад, ки барои наздик гардонидани фарҳангу пажуҳиши кишварҳои ҷаҳон хизмат менамояд.

Нуктаҳои муҳиме, ки дар автореферати Иброҳимов Ф.М. доир ба фаъолияти А.Корбен оварда шудаанд, боиси мулоҳизаи амиқ мебошанд. Зеро ӯ А.Корбенро аз пурмаҳсултарин муҳаққиқ, файласуф, ховаршинос ва мутарҷими фаронсавии садаи XX аст, ки фалсафаи тоҷику форсро ба таври махсус таҳқиқ карда, дар бораи хусусиятҳои равияҳои он ақидаи худро баён намудааст, меҳисобад. Дар айни замон маълум аст, ки худи А.Корбен дар мавриди дигаргун кардани зовияи таҳқиқи фалсафаи Шарқ сухан карда дар ин бора роҳкору методологияи модернии худро таҳия намудааст.

Муҳаққиқ дар мавриди ба илми ҷаҳонӣ шинос намудани чеҳраҳои камтаҳқиқи фалсафа ва тафаккури Шарқ суҳбат карда дар мавриди аз тарафи А.Корбен аввалин бор осори мутафаккири начандон маъмул Абулҳасани Омириро таҳлилу пешкаши муҳаққиқон намудани ӯ хабар медиҳад.

Ҳамчунин шарҳу тафсири хосаи А.Корбенро оид ба фалсафаи машшоӣ, вижагиҳои тафаккури чеҳраҳои дурахшони он, назири Абӯнасри Форобӣ ва Абӯалӣ ибни Синоро шарҳ додааст.

Аз таҳқиқоти мазкур бармеояд, ки ба нигориши А.Корбен Абӯнасри Форобӣ нахустин файласуфи комили олами ислом ба шумор рафта, намояндаи аҳли ташайюъ низ мебошад. А.Корбен “Фалсафаи иҷтимоӣ”-и Форобиро бо таълимоти имомати шиъа умумӣ медонад, ҳамчунин ӯро муфассири осори Арасту қаламдод намудааст. А.Корбен Форобиро ҳамчун сӯфӣ қаламдод намудааст, ки ин аз пайравии вай ба афкори устодонаш Э.Жилсон ва Л.Массинон хабар медиҳад.

Ҳамчунин мавқеи А.Корбен дар мавриди аз мавқеи тасаввуф баҳогузорӣ намудани асарҳои Ибни Сино, махсусан рисолаҳои тамсилии ӯ низ ҷолиб аст. Дар ин бора Иброҳимов Ф.М. таъкид намудааст, ки “дар асоси се рисолаи хурди Ибни Сино, ки онҳоро аз назари А.Корбен баррасӣ намудем, мутафаккирро сӯфӣ гуфтан дуруст нест” ва дар таҳиқоти худ ин масъаларо васеътар баррасӣ намуда ба чунин хулоса меояд, ки ба ин масъала дар асоси таҳлили синошиносони варзида ва осори худи Ибни Сино ба пуррагӣ равшанӣ андохтан беҳтар мебошад.

Олими фаронсавӣ илми каломро муродифи андешаи зарроти Демокриту Эпикур дониста, вале дар айни замон фарқи таълимоти онҳоро низ қоил аст ва усули панҷгонаи ин равия: тавҳид, адл, ваъду ваъид, манзалатун байна-л-манзалатайн ва амр ба маъруфро шарҳу тавзеҳ медиҳад. Ҳамчунин андешаҳои Абулҳасани Ашъарӣ дар таҳқиқоти А.Корбен таҳлилу баррасӣ гардидаанд. Ба гуфтаи А.Корбен, Ашъарӣ ба оштӣ додани мактабҳои гуногуни тасаннун, хосатан ақлу дин кӯшиш намуд, вале ба ақл арзиши мутлакро қоил нест.

Дар баробари дастовардҳои барҷастаи диссертатсияи мазкур, овардани чанд эъродеро бамаврид мешуморам:

1. Муаллиф дар мавриди аз ҷониби А.Корбен баррасӣ гардиданди калом сухан карда дар бораи сабабҳои кам аҳамият додани ӯ нисбат ба мактаби

каломии Мотуридӣ, ки дар Осиёи Марказӣ маъруф мебошад, таваҷҷуҳ накардааст. Ҳол он, ки равшанӣ андохтан ба масъалаи мазкур саҳми муаллифи рисоларо дар илми таърихи фалсафаи тоҷик меафзояд.

2. Дар матни автореферат гоҳ-гоҳ хатогиҳои имлоӣ, услубӣ ва техникӣ ба назар мерасанд.

Дар баробари ин сазовори таъкид медонам, ки эъродҳои мазкур танҳо ба тарзи мулоҳиза ифода гардида, ҳеҷ гоҳ аҳамияти баланди таҳқиқоти Иброҳимов Ф.М.-ро коста намегардонанд.

Мазмуни автореферат ва мақолаҳои таълиф намудаи муаллиф моҳияти асосии таҳқиқотро инъикос менамояд. Муаллиф аввалин бор дар Тоҷикистон осори файласуф ва ховаршиноси шинохтаи Фаронса Анри Корбенро ба тарзи ҷомеъ таҳқиқ намуда, аз манбаъҳои аслӣ ва осори таҳқиқотии зиёд истифода намудааст. Диссертатсияи Иброҳимов Фурқатҷон Муродович “Фалсафаи асримиёнагии тоҷик дар таҳқиқоти Анри Корбен” кори мустақилонаи илмӣ буда, ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Бинобар ин муаллифи диссертатсияро сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори фалсафа PhD, доктор аз рӯйи ихтисоси 6D020100 – фалсафа меҳисобам.

**Номзади илмҳои фалсафа,**
**мудири кафедраи фалсафа**
**ва сиёсатшиносии Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Маҷидов Д.**

**Имзои Маҷидов Д.-ро тасдиқ мекунам:**
**Мудири шуъбаи кадрҳои Донишкадаи**
**давлатии забонҳои Тоҷикистон**
**ба номи Сотим Улуғзода** **Наҷмуддинов Ш.М.**